**ТАҚРИЗИ**

**роҳбари илмӣ ба таҳқиқи диссертатсионии Тоирзода Сухроб Тоир дар мавзуи “Арзёбии хосиятҳои физикию механикии массивҳои атрофи нақбҳои гидротехникии истифодашавандаи баландфишор” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз руйи ихтисоси 6D074400 – Сохтмони гидротехникӣ ва иншоот (6D074401 – Сохтмони гидротехникӣ) пешниҳод шудааст.**

Тоирзода Сухроб Тоир соли 2015 ба факултети техникии Донишгоҳи давлатии Данғара аз рӯйи ихтисоси 1-70040101 – Сохтмони гидротехникӣ дохил шуда, онро соли 2019 бо дипломи аъло хатм намудааст. Пас аз хатми донишгоҳи номбурда, соли 2019 барои идомаи таҳсил ба шуъбаи магистратураи Донишгоҳи давлатии Данғара аз рӯйи ихтисоси 1-70040101 – Сохтмони гидротехникӣ дохил шуда, соли 2021 зинаи мазкурро бо ихтисоси 1-70040101 – Сохтмони гидротехникӣ ба дипломи аъло хатм кардааст. Номбурда бо фармоиши президенти Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон №274 аз 31.08.2021 ба ҳайси докторанти (PhD)-и Институти масъалаҳои об, гидроэнергетика ва экология аз рӯйи ихтисоси 6D074400 – Сохтмони гидротехникӣ ва иншоот (6D074401 – Сохтмони гидротехникӣ) қабул карда шуда, мувофиқи амри президенти Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон аз 01.07.2024, №30001/23-284 таҳсилро дар докторантураи (PhD)-и Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ба анҷом расонидааст.

Тоирзода Сухроб Тоир фаъолияти кории худро дар Донишгоҳи давлатии Данғара соли 2018 ба ҳайси тренер-тютери маркази рушди зеҳнӣ, мониторинги рақобатпазирии касбиятшиносӣ ва рушди бозии шоҳмот оғоз намудааст. Аз соли 2019 то соли 2020 – сардори шуъбаи тарбия ва кор бо Парламенти донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии Данғара, солҳои 2020 то 2021 ба тариқи гузариш ба вазифаи ассистенти кафедраи фанҳои муҳандисӣ ва сохтмони гидротехникии факултети сохтмон ва меъморӣ, аз соли 2021 то соли 2022 ба тариқи гузариш ба вазифаи сардори маркази рушди зеҳнӣ, болоравии касбӣ ва робита бо Парламенти донишҷӯён, аз соли 2022 то соли 2023 муовини ректори Донишгоҳи давлатии Данғара оид ба тарбия ва тарғибот, аз соли 2023 то соли 2024 сардори раёсати корҳои тарбиявии Донишгоҳи давлатии Данғара, аз соли 2024 то ҳоло дар вазифаи сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи давлатии Данғара кору фаъолият намуда истодааст.

Кори диссертатсионии докторанти (PhD) Тоирзода Сухроб Тоир аз муаддима, 4 боб, 17 зербоб, хулоса, тавсияҳо ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

Дар муқаддима мубрамияти мавзуи таҳқиқи диссертатсионӣ асоснок карда шуда, дараҷаи омӯзиши масъалаи илмӣ арзёбӣ гардида, объект ва мавзуи таҳқиқ, ҳадаф ва вазифаҳои он, асосҳои назарӣ ва

методологӣ, навгониҳои илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ муайян карда шудаанд.

Дар боби якум "Баррасии таҷрибаҳои сохтмон ва истифодадиҳии нақбҳои гидротехникии Тоҷикистон" таҷрибаи сохтмони нақбҳои гидротехникии обёрӣ дар Тоҷикистон (нақбҳои обёрии Вахш-Данғара ва Вахш-Ёвон), хусусияти умумӣ ва шароити муҳандисӣ-геологии нақбҳои сохтмонии НС-1 ва НС-2-и НБО Роғун, шароитҳои муҳандисӣ-геологӣ ва иншооти нақби обёрии Данғара ва таъсири байниҳамдигарии иншооти гидротехникӣ бо массиви ҷинсҳои кӯҳӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст.

Дар боби дуюм “Истгоҳҳои иктишофи сейсмикӣ ва коркарди натиҷаҳои сейсмикӣ" усулҳо ва таҷҳизоти геофизикаи муҳандисӣ, истгоҳҳои муҳандисӣ-иктишофи сейсмикӣ баррасӣ гардида, мақтаъсозии сейсмикӣ қад-қади деворҳои нақбҳои сохтмонӣ бо усули мавҷҳои шикаста дар асоси таҳқиқоти гузаронидашуда оварда шудааст. Ҳамчунин натиҷаи таҳлилҳои томографияи сейсмикӣ дар қитъаи нақбҳои сохтмонӣ, мақтаъсозии ултрасадоӣ аз рӯйи сатҳи бетон гузаронида ва аз ҷиҳати илмӣ асоснок карда шудааст.

Боби сеюм “Баррасии ҳолати нақбҳои сохтмонии НС-1 ва НС-2 пас аз истифодабарии тӯлонӣ” ба таҳқиқи ҳолати нақбҳои сохтмонии НС-1 ва НС-2 пас аз истифодабарии тӯлонӣ бахшида шудааст. Дар боби мазкур хусусияти қитъаҳои нақбҳои сохтмонии тартиби (яруси) 1-ум ва 2-юм аз рӯйи натиҷаҳои таҳқиқоти қаблии аз тарафи дигар таҳқиқотчиён иҷрошуда тавсиф гардидааст. Хосиятҳои устуворию чандирии нақбҳои сохтмонии НС-1 ва НС-2 аз рӯйи натиҷаҳои таҳқиқоти геофизикӣ, ҳолати муосири массивҳои шахӣ дар қитъаи нақбҳои сохтмонии тартибҳои 1-ум ва 2-юм муайян карда шуда, бо натиҷаҳои таҳқиқоти соли 2013 мавриди муқоисаи илмӣ қарор гирифтаанд.

Дар боби чаҳорум "Коркарди тавсияҳо барои санҷиш, таъмири асосӣ ва таҳияи системаи муосири мониторинг аз болои реҷаи гидравликии нақби обёрии Данғара" тавсияҳо оид ба таҳқиқи нақби обёрии Данғара бо усулҳои геофизикӣ (мақтаъсозии сейсмикӣ, муайян кардани сифати бетон, мақтаъсозии ултрасадоӣ дар сатҳи бетон, пармачоҳҳои термометрӣ), системаи назорати силсилавии тағйирёбии суръати сели обӣ ва реҷаи гидравликӣ дар нақбҳо коркард ва пешниҳод карда шудааст.

Дар хулоса ва пешниҳодҳо натиҷаҳои асосии таҳқиқи илмӣ ҷамъбаст гардидаанд.

Нуқтаҳои илмӣ ва натиҷаҳои диссертатсия илман асоснок буда, бо далелҳои мӯътамади назариявӣ-методӣ ва таҳлилӣ мустаҳкам карда шудаанд. Муҳтавои асосии диссертатсия дар мақолаҳои илмии нашргардида ва баромадҳои муаллиф дар конфронсҳои сатҳи гуногун инъикос ёфтаанд.

Хулоса, диссертатсияи докторанти (PhD) Тоирзода Сухроб Тоир дар мавзуи “Арзёбии хосиятҳои физикию механикии массивҳои атрофи

нақбҳои гидротехникии истифодашавандаи баландфишор" ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267) ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия (қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 марти соли 2021, №3) ҷавобгӯ буда, ҷиҳати сазовор гардидан ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз руйи ихтисоси 6D074400 – Сохтмони гидротехникӣ ва иншоот (6D074401 – Сохтмони гидротехникӣ) барои ҳимоя пешниҳод карда мешавад.

Роҳбари илмӣ:
номзади илмҳои техникӣ, дотсент Давлатшоев С.Қ.

«29» 12 соли 2025

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон
шаҳри Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур,
кӯчаи Бофанда 5/2
Телефон: (+992) 919604041
E-mail: salomatda@list.ru

Имзои н.и.т., дотсент С.Қ. Давлатшоевро тасдиқ мекунам:

Мудири ШК ИМОГЭ АМИТ Адамкулова С.С.

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон
шаҳри Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур,
кӯчаи Бофанда 5/2
Телефон: (+992) 988658760
E-mail: sadafmo96@mail.ru

«29» 12 соли 2025